

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

№25 (4921)

ДУШАНБЕ,
24 ФЕВРАЛИ СОЛИ 2025

Аз 1 январи соли 1991
чоп мешавад

www.sadoimardum.tj




## ҲИМОЯИ ВАТАН, МИЛЛАТ ВА ДАВЛАТ РИСОЛАТИ МУҚАДДАС АСТ

**Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паради ҳарбӣ ба муносибати 32-юмин солгарди таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**22-юми феврали соли 2025, шаҳри Душанбе**

**Муҳтарам генералҳо ва афсарону сарбозони Қувваҳои Мусаллаҳ!**

**Хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ!**

Фардо ба таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки яке аз рукнҳои муҳими давлати соҳибихтиёри тоҷикон мебошад, 32 сол пур мешавад.

Ҳамаи шумо – хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакатро ба муносибати ин санаи таърихӣ – ҷашни фарзандони далеру шуҷои Ватан самимона табрик мегӯям.

Бо ифтихору қаноатмандӣ иброз медорам, ки ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳ дар муддати 32 соли сипаригардида ҳифзи истиқлолу озодии мамлакат, ҳимояи марзу буми сарзамини аҷдодӣ, амнияти давлат ва ҷомеа, сулҳу оромӣ ва суботи сиёсиро дар кишвар ҷавонмардона ва бо садоқат ба халқу Ватан таъмин карда истодаанд.

Дар ҳар давру замон ҳимояи Ватан ва ҳаёти осоиштаи мардум барои ҳар як ҷавонмарди бонангу номус вазифаи муқаддас ва вазифаи пуршараф ба ҳисоб меравад.

Тоҷикон аз замонҳои хеле қадим ҳамчун миллати фарҳангиву сулҳдӯст, соҳибмаърифату тамаддунсоз ва ободкору созанда шинохта шудаанд. Вале дар тӯли таърихи чандинҳазорсолаи миллати мо фарзандони далеру фидокори он, аз қабили Муқаннаъ, Спитамен, Деваштичу Темурмалик, Восеъ ва ҳазорон нафари дигар, барои ҳимояи сарзамини муқаддаси аҷдодӣ қаҳрамониву ҷоннисориҳо кардаанд ва ба наслҳои имрӯза аз худ намунаи ибрати ҷовидонӣ боқӣ гузоштаанд.

Аз рӯзҳои аввали эълон гардидани истиқлоли давлатӣ ва ташкили давлати соҳибихтиёри тоҷикон масъалаи таъсис додани Қувваҳои Мусаллаҳ дар назди Ҳукумати мамлакат ҳамчун вазифаи аввалиндараҷа қарор дошт. Вале мушкилоти сахту сангини ибтидои давраи соҳибистиқлолӣ, хусусан мухолифатҳои шадиди сиёсӣ ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, ба иҷрои ин вазифа имконият надоданд.

Танҳо баъди Иҷлосияи тақдирсози XVI Шурои Олӣ ва интихоб гардидани роҳбарияти нави сиёсии кишвар барои барқарорсозии сохти конститутсионӣ, фаъолияти сохторҳои фалаҷшудаи ҳокимияти давлатӣ ва гузоштани заминаҳои ҳуқуқии ба эътидол овардани вазъият нахустин иқдомот сурат гирифтанд. Аз ҷумла, 18-уми декабри соли 1992 бо имзои Фармони Раёсати Шурои Олӣ «Дар бораи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ташкили аввалин сохторҳои Артиши миллии Тоҷикистони соҳибистиқлол оғоз гардид ва Қувваҳои Мусаллаҳ ҳамчун ниҳоди асосии ҳифзи сохти конститутсионӣ ва тамомияти арзии мамлакат фаъолияти худро аз сифр оғоз карданд. Бо вуҷуди мушкилоти зиёди иқтисодиву молиявӣ, инчунин, набудани афсарону мутахассисони касбӣ, мо ба ташкили ҷузъу томҳо, қисму воҳидҳои алоҳида ва бо техникаву таҷҳизоти ҳарбӣ таъмин кардани онҳо шурӯъ намудем.

Борҳо гуфтаам ва ҳоло такроран хотирнишон месозам, ки дар кишвари тозаистиқлоли мо дар он рӯзҳо барои таъсис додани артиши касбӣ одитарин заминаи моддиву техникӣ вуҷуд надошт. Сарфи назар аз ҳамаи ин норасоиву мушкилот, 23-юми феврали соли 1993, яъне 32 сол қабл аз ин, аввалин паради ҳарбии Артиши миллӣ баргузор гардид ва хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи навтаъсиси мамлакат боифтихор аз он гузаштанд.

Бояд гуфт, ки Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар сохторҳои ҳарбӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон дар айёми ниҳоят ҳассосу тақдирсози солҳои аввали соҳибистиқлолӣ, хусусан, дар давраи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, ки хатари парокандашавии миллат ва аз байн рафтани давлати тоҷиконро воқеан ба миён оварда буд, қарзи ватандории хешро содиқона иҷро карданд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи ба эҳтиёт рухсат додани хизматчиёни ҳарбие, ки муҳлати муқарраргардидаи хизмати ҳарбиро адо намудаанд ва даъвати навбатии шаҳрвандони солҳои таваллуди 1998-2007 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хизмати ҳарбӣ**

Мутобиқи моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мудофиа» **фармон медиҳам:**

1. Хизматчиёни ҳарбие, ки муҳлати муқарраргардидаи хизмати ҳарбиро адо намудаанд, моҳҳои апрел-майи соли 2025 аз сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қӯшунҳои мудофиаи граждании Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бригадаи посбоникунандаи Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, баталиони кишоварзии Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба эҳтиёт рухсат карда шаванд.

2. Моҳҳои апрел-майи соли 2025 шаҳрвандони ҷинси мардӣ то рӯзи даъват ба синни 18 расида, инчунин, шаҳрвандони синни калонтари Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳуқуқи ба таъхир андохтани муҳлати даъват ё озод будан аз даъват ба хизмати ҳарбиро надоранд, барои хизмат ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қӯшунҳои мудофиаи граждании Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бригадаи посбоникунандаи Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, баталиони кишоварзии Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват карда шаванд.

4. Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, раисони комиссияҳои даъватии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо бо иштироки намояндагони мақомоти амният ва корҳои дохилӣ даъвати шаҳрвандонро аз ҳисоби интихоби дақиқи даъватшавандагон ба Қӯшунҳои сарҳадӣ, Гвардияи миллӣ ва қисмҳои ҳарбии таъиноти махсус, бо дарназардошти хусусиятҳои хоси хизмат дар ин воҳидҳо ва дар навбати аввал пуррагардонии онҳо, амалӣ намоянд.

5. Раисони шаҳру ноҳияҳо якҷо бо комиссариатҳои ҳарбӣ бо мақсади амалӣ намудани муқаррароти моддаи 34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» даъвати муташаккилонаи шаҳрвандонро ба хизмати ҳарбӣ бо дарки масъулият ба роҳ монанд.

6. Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон омодагӣ ва рафти даъвати шаҳрвандонро ба хизмати ҳарбӣ ба таври васеъ инъикос намуда, хизмати ҳарбиро ҳамчун вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон тарғиб намоянд.

7. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муоинаи назоратии тиббии даъватшавандагоне, ки аз ҷониби комиссияҳои даъватии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияҳо даъват шудаанд, табибону мутахассисони ботаҷрибаро сафарбар намоянд.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 19 феврали соли 2025, №967**

## ТАБРИКОТИ

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба муносибати Рӯзи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**22-юми феврали соли 2025, шаҳри Душанбе**



**Ҳамдиёрони азиз!**

**Сокинони сарбаланди пойтахт!**

Бо камоли ифтихор ҳамаи Шумо ва тамоми хизматчиёни ҳарбии сохторҳои низомии мамлакатро ба ифтихори рӯзи таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона табрик мегӯям.

Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар аз рӯзи таъсисёбӣ то ба имрӯз ба неруи пуриқтидори низомӣ табдил ёфта, бо дарки масъулияти ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва таҳкими пояҳои давлатдорӣ баҳри муҳофизати сулҳу оромӣ ва суботи сиёсӣ дар хизмати Ватани азизамон қарор доранд.

Бо дастгирию ғамхориҳои пайвастаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шароити маишию хизматии хизматчиёни ҳарбӣ сол то сол беҳтар гардида, пояҳои моддию техникӣ ва неруи ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар таҳким меёбанд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки хизмат ба Ватан шарафу ифтихори бузург ва вазифаи муқаддаси ҳар як ҷавони бонангу номус буда, дар шароити пуртазоди ҷаҳони имрӯза соҳибистиқлолии давлат, сулҳу амнияти мамлакат ва фазои осоиштаи зиндагии мардум аз хизмати содиқонаи онҳо вобастагӣ дорад.

Дар ин лаҳзаҳои пуршараф бори дигар кулли ҳамватанон ва хизматчиёни ҳарбии кишварро ба муносибати рӯзи таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон сидқан шодбош гуфта, ба ҳар яки онҳо саломатии бардавом ва ба Ватани маҳбубамон сулҳу субот ва ояндаи дурахшон таманно дорам.

**Ид муборак, ҳомиёни ҷасури Ватан!**

## ИШТИРОКИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ПАРАДИ ҲАРБӢ

**22-юми феврали соли 2025 дар шаҳри Душанбе Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар паради ҳарбӣ ба ифтихори 32-солагии таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон иштирок намуданд.**

Ба Президенти кишвар, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон, генерали артиш муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба омодагии ҳайати шахсии қӯшунҳои гарнизони ҳарбии Душанбе барои гузашти паради низомӣ вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-лейтенант Собирзода Эмомалӣ гузориш дод.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо арзи салом ба ҳайати шахсӣ онҳоро бо ҷашни бошукӯҳи 32-солагии таъсисёбии Қувваҳои



Мусаллаҳ табрик намуданд.

Қабл аз оғози паради ҳарбӣ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон суханронӣ намуда, доир ба ҳифзи дастовардҳои давлати соҳибистиқлол ва фазои орому осудаи ин кишвари биҳиштосо андешаҳои худро баён доштанд.

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори 32-юмин солгарди таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳ тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон, ҳайати шахсии Артиши миллӣ, дигар сохторҳои низомӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва иштирокдорони паради ҳарбӣ - афсарону сарбозонро самимона шодбош гуфтанд.

Таъкид гардид, ки ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳ дар муддати 32 соли сипаригардида ҳифзи истиқлолу озодии кишвар, ҳимояи марзу буми сарзамини аҷдодӣ, амнияти давлат ва ҷомеа, сулҳу оромӣ ва суботи сиёсиро ҷавонмардона ва бо садоқат ба халқу Ватан таъмин карда истодаанд.

Сарвари давлат ҳимояи Ватан ва ҳаёти осоиштаи мардумро барои ҳар як ҷавонмарди бонангу номус вазифаи муқаддас ва пуршараф арзёбӣ намуданд. Зикр гардид, ки тоҷикон аз замонҳои хеле қадим ҳамчун миллати фарҳангиву сулҳдӯст, соҳибмаърифату тамаддунсоз ва ободкору созанда шинохта шудаанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон корнамоии фарзандони далеру фидокори миллати тоҷик - Муқаннаъ, Спитамен, Деваштичу Темурмалик, Восеъ ва ҳазорон нафари дигарро барои наслҳои имрӯза ибратомӯз номиданд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

## ҶАЛАСАИ ШУРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН

**Бисту чоруми феврали соли 2025 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он масъалаҳо «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоя ва ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар хусуси Созишномаи иловагӣ ба Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Тоҷиксемент» оид ба сохтмон ва ба истифода додани корхонаҳои истеҳсоли семент, масолеҳи сохтмонию бетонӣ ва халта аз 10 июни соли 2019», «Дар хусуси Созишномаи иловагӣ ба Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Консорсиуми сармоягузорон дар ҳайати Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Авесто Гурӯҳ», Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷикгидроэлектромонтаж» ва Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Ташкилоти амонатии қарзии хурди «Душанбе Сити» дар бораи амалӣ кардани лоиҳаи «Низоми автоматикунонидашудаи назорат ва баҳисобгирии неруи барқ дар шаҳри Душанбе» аз 12 декабри соли 2019» ва «Дар хусуси Протокол оид ба ворид намудани тағйирот ба Шартнома дар бораи таъсиси Фонди авруосиёии муътадилгардонӣ ва рушд аз 9 июни соли 2009» мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба ҷаласаи навбатии Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод гардиданд.

Шурои Маҷлиси намояндагон, ҳамчунин, «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» қарор қабул кард.

**«Садои мардум»**

# ҶАЛАСАИ 15-УМИ ПЛЕНАРИИ АПО ДОИР ШУД

**19-20-уми феврали соли ҷорӣ дар шаҳри Бокуи Ҷумҳурии Озарбойҷон ҷаласаи 15-уми пленарии Ассамблеяи парлумонии Осиё баргузор гардид. Ҳайати парлумонии Тоҷикистон бо роҳбарии Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода дар ин чорабинӣ иштирок намуд.**



Дар назди иштирокчиёни ҷаласаи 15-уми пленарии Ассамблеяи парлумонии Осиё Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода суханронӣ намуда, аз ҷумла иброз дошт, ки мусоидат ба таъмини сулҳи устувор, субот ва зиндагии осоишта дар саросари ҷаҳон яке аз ҳадафҳои асосии сиёсати хориҷии давлати мост.

- Воқеан, имрӯз густариши равобити хориҷии Ассамблеяи парламентии Осиё, пеш аз ҳама, бо дигар созмонҳои байналмилалӣ ва кишварҳои ҳамфикр, ки сулҳу суботро қадр мекунанд ва ба фароҳам овардани шароит барои рушди бехатари минтақа манфиатдоранд, тақозои замон аст. Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Иҷлосияи 79-уми Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба қабули қатънома дар бораи «Даҳсолаи таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда» маҳз ҳамин ҳадафҳоро дар бар мегирад. Мо ба дастгирии ин ташаббус аз ҷониби шарикони худ умед мебандем, - гуфт Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Таъкид гардид, ки институти ҳокимияти қонунгузор асоси ҷомеаи муосири демократӣ мебошад. Парламентҳо ҳамчун ифодаи иродаи интихобкунандагон дар таҳияи моделҳои миллии рушд ва вокунишҳои муносиб ба хатару таҳдидҳои умумӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ нақши муҳим мебозанд.

«Дар ҷаҳони муосир, ки муноқишаҳо хусусияти паҳншавӣ ва тӯлонӣ шуданро доранд, танҳо гуфтушунид, муколама ва ҳалли мусолиҳатомез ба сифати интихоби дуруст арзёбӣ мегарданд. Маҳз дипломатияи парламентӣ ба чунин ҳадафҳои муҳим, ба мисли нишон додани симои объективии кишвари худ дар назари ҷомеаи ҷаҳонӣ, хидмат мекунад», - иброз дошт М. Зокирзода.

Иттилоъ дода шуд, ки парламенти Тоҷикистон, дар баробари Ассамблеяи парламентии Осиё, дар кори Ассамблеяи байнипарламентии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Ассамблеяи парламентии Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ, Ассамблеяи парламентии Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо ва як қатор сохторҳои дигари байнипарламентӣ иштироки фаъол дорад.

- Тоҷикистон дар асоси таҷрибаи андӯхтаи худ дар мубориза бо хатару таҳдидҳои ҷаҳонӣ «Стратегияи мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ барои солҳои 2021-2025»-ро таҳия намуда, татбиқ карда истодааст.

Дар доираи амалисозии ин стратегия мо дар миёни дигар дастовардҳои назаррас, инчунин, дар самти беҳбуди механизми пешгирӣ аз ифротгароиву тундгароӣ ва баланд бардоштани нақши соҳаи маориф ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ин раванд ба пешрафтҳои муайян ноил гардидем. Тоҷикистон дар оянда ҳам талошҳои худро дар ин самт идома дода, барои таъмини амният ва суботи фарогир ҳамкориҳои зичро бо шариконаш тақвият хоҳад бахшид, - таъкид дошт М. Зокирзода.

Маҳмадтоир Зокирзода, ҳамчунин, иброз намуд, ки дастгирии ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ташаббусҳои Тоҷикистон оид ба масъалаҳои об ва иқлим нақши пешбари кишвари моро дар татбиқи рӯзномаи об ва иқлим дар сатҳи байналмилалӣ ифода мекунад.

Қатъномаҳое, ки Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба ин масъалаҳо қабул кард, барои ноил шудан ба ҳадафҳои ҳамоҳангшудаи глобалӣ дар соҳаи захираҳои об, ки дар «Рӯзномаи рушди устувор барои то давраи соли 2030» инъикос ёфтаанд, замина гузоштанд.

- Имрӯз мо шоҳиди гармшавии бесобиқаи глобалӣ ҳастем, ки ба муҳити зист таъсири манфӣ расонда, хушксолӣ, обхезӣ ва дигар офатҳои табиии вобаста ба обро ба вуҷуд меорад. Яке аз аломатҳои возеҳи робитаи обу иқлим обшавии босуръати пиряххо дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон аст ва ин раванд барои сайёраи мо оқибати хуб надорад. Оқибатҳои тағйири иқлим, мутаассифона, ба вазъи пиряххои Тоҷикистон, ки сарчашмаи ташаккули то 60 дарсади манбаъҳои оби Осиёи Марказӣ мебошанд, таъсири манфӣ мерасонад.

Дар давоми чанд даҳсолаи охир беш аз ҳазор пиряхи мо пурра об шудаанд. Бо ибтикори Тоҷикистон Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид соли 2025-ро «Соли ҳифзи пиряххо» эълон кард.

Бо ин қатънома «Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряххо», ки сар аз соли равон ҳамасола таҷлил мешавад, муқаррар гардида, «Фонди мақсаднок оид ба ҳифзи пиряххо» таъсис дода шуд. Дар идомаи ин мавзуъ, бо ибтикори Тоҷикистону Фаронса Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид солҳои 2025-2034-ро «Даҳсолаи амал барои илмҳои яхшиносӣ» эълон кард. Дар асоси қатъномаи қабулшуда ҷиҳати ҳифзи пиряххо моҳи майи соли ҷорӣ дар шаҳри Душанбе баргузории Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряххо дар назар аст.

Мо ба иштироки фаъоли ҳайатҳои кишварҳои шарик, созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ дар кори ин конфронси муҳим умед мебандем. Ҳадафи ин конфронс ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба мушкилоти обшавии пиряххо, ки ба захираҳои оби минтақа таъсир мерасонад ва масъалаҳои таҳияву татбиқи саривақтии тадбирҳои амалӣ дар ин самт мебошад, - гуфт дар фарҷом Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода.




**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи МНМО ҶТ**

# ҲОМИЁНИ ВАТАН

**Ҳамасола дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 23-юми феврал ҳамчун Рӯзи Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат ҷашн гирифта мешавад. Таҷрибаи таърихии давлатдории миллати тоҷик ва Тоҷикистони муосир нишон медиҳад, ки яке аз аркони муҳими давлатдорӣ дар баробари дигар унсурҳо мавҷудияти Қувваҳои Мусаллаҳ ба ҳисоб меравад.**

Мавҷудияти Қувваҳои Мусаллаҳи ташаккулёфта яке аз воситаҳои асосии ҳифзи якпорчагии давлат ва манфиатҳои миллӣ маҳсуб меёбад. Имрӯз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сулҳу субот, ҳифзи якпорчагии сарзамини аҷдодӣ чун рукнҳои асосии сиёсати давлатӣ аҳамияти ҷиддӣ медиҳад. Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар дар баробари дигар аркони давлатӣ аз ҷумлаи сохторҳое мебошанд, ки дар самти ҳифзи оромӣ, сулҳу субот, ягонагии кишвар, марзу бум, тартиботи дохилӣ ва дигар масъалаҳои муҳими давлатдорӣ нақши асосӣ доранд. Боиси ифтихор аст, ки Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба анъанаҳои касбӣ, сифатҳои баланди ватандӯстию хештаншиносӣ ва савганди ҳарбии худ содиқ монда, аз рӯзи аввал, яъне баробари ташкилшавӣ дар давраи мураккабу сарнавиштсоз, ки пояҳои Истиқлоли давлатӣ ва якпорчагии Ватанро хатарҳои зиёд таҳдид мекард, бетараф намонданд. Афсарони содиқи Ватану миллат барои ба эътидол овардани вазъи ҷамъиятию сиёсии кишвар, ҳимояи сохти конститутсионӣ ҷасорату мардонагӣ нишон доданд.

Таҳлили вазъи сиёсии солҳои 90-уми асри XX нишон медиҳад, ки яке аз омилҳои асосии авҷи моҷарои сиёсӣ, яъне ҷанги таҳмилӣ, дар набудани қувваҳои мусаллаҳи муташаккил ифода меёфт. Танҳо баъд аз баргузории Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ ва ташкили ҳукумати нав бо ташаббуси Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон заминаи ташкили Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар гузошта шуд. Дар марҳилаҳои минбаъда Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар комил гардида, иқтидори муҳофизатиаш афзуд.

Имрӯз Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар сипари боэътимоди давлат маҳсуб ёфта, сафи онро асосан ҷавонони шуҷову далер ташкил медиҳанд. Тавре Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз намудаанд, «Ҷавонони мо дар рушди ҳамаи соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии кишвар саҳми арзишманд гузошта, нақши онҳо аз иштирок дар бунёди иншооти азими кишвар то хизмати содиқона дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ, ҳифзи сарҳади давлатӣ, суботу оромии мамлакат ва ҳаёти осоиштаи мардуми Тоҷикистон арзандаи таҳсин ва боиси ифтихори ҳар яки мо мебошад».

Хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар боиси ифтихори насли ҷавон буда, бори дигар аз якпорчагии Ватан хабар медиҳад. Инчунин, ҳамасола ба Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар садҳо ҷавон аз навоҳии мухталиф даъват гардида, дар қисмҳои ҳарбии манотиқи гуногуни ҷумҳурӣ рисолати мардонагии хешро дар назди Ватан-Модар иҷро менамоянд. Дар давраи хизмати ҳарбӣ ҷавонон дар руҳияи меҳанпарастӣ, мардонагиву шуҷоат, қавииродагиву адолатгустарӣ тарбия ёфта, ҷиҳати ҳифзи амнияти давлат сафарбар мешаванд.

Сол ба сол барои боз ҳам баланд бардоштани малакаи касбии аскарон ва дар роҳи меҳанпарастӣ тарбия намудани онҳо аз ҷониби давлату Ҳукумат шароити мусоид фароҳам мегардад. Махсусан, сафарҳои кории Сарвари давлат ба манотиқи мухталифи кишвар, ки бештар бо боздид аз қисмҳои ҳарбӣ оғоз мешавад, гувоҳи ғамхории махсуси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба ҳомиёни Ватан аст.

**Сафарбӣ ҚАРАЕВА,**
**омӯзгори Коллеҷи муҳандисӣ-омӯзгории шаҳри Душанбе**

# МАКТАБИ ШУҶОАТУ ҶАВОНМАРДӢ

**Таҷриба собит намудааст, ки давлату миллат бе қувваҳои мусаллаҳи пурқудрат вуҷуд дошта наметавонад. Чунки қувваҳои мусаллаҳ, пеш аз ҳама, таъминкунандаи амнияти кишвар буда, оромию осудагии мардум ва осоиштагию шукуфоии давлатро таъмин менамояд.**

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари дигар давлатҳои ҷаҳон соҳиби Артиши миллии худ буда, заминаи моддию техникии он ба шарофати соҳибистиқлолии мамлакат ва Пешвои миллат, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мустаҳкам гардид.

Борҳо дар рӯзи даъватшаванда шоҳиди ҳол гаштаам, ки ҷавонони зиёд бо хоҳиши худ ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар пайвастанд. Ҳатто яке аз модарони хушбахту ватандӯстро аз шаҳри Кӯлоб дидам, ки дар рӯзи аввали даъвати тирамоҳӣ фарзандашро, ки аз Федератсияи Россия баргашта буд, бо хоҳиши худ ба хизмати ҳарбӣ гусел намуд.

Дар солҳои мудҳиши ҷанги шаҳрвандӣ новобаста аз вазъи душвору ҳассос барои таъсиси Артиши миллӣ марди ҷасуру тавонои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз тамоми имконоту шароит истифода бурда, барои мустаҳкам намудани қобилияти мудофиавии кишвар, беҳдошти шароити хизмативу маишӣ ва хубтару беҳтар намудани вазъи иҷтимоии хизматчиёни ҳарбӣ тадбирҳои саривақтӣ андешиданд. Дар тӯли ин солҳо бо дастгирӣ ва иқдомҳои наҷиби Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Артиши ҷавони Тоҷикистон соҳиби шароити муосир гардида, дар роҳи пурзӯр ва мустаҳкам гардидани иқтидори мудофиавии мамлакат гомҳои устувор гузошта шуд.



Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба фарзандони содиқу шуҷои Ватан, ки аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолии мамлакат дар бунёди Артиши миллӣ саҳм гузоштаву то ҳол ба давлату миллат софдилона хизмат намуда истодаанд, изҳори сипос намуда, таъкид намуданд, ки давлату Ҳукумат ва мардуми шарифи Тоҷикистон фидокориву ҷоннисориҳои афсарону сарбозони шуҷои Ватанро ҳаргиз фаромӯш нахоҳад кард.

Дар даврони соҳибистиқлолии мамлакат бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти бунёдкорӣ ва созандагиҳо барои пешбурди фаъолияти низомиён бинову иншооти ҳарбӣ, бо шароити муосир мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтанд. Аз ҷумла, бо дастуру супоришҳои Роҳбари мамлакат дар тамоми гарнизонҳои ҷумҳурӣ қисмҳои низомӣ бо тамоми шароити муосир сохта ба истифода дода шуданд.

Ҳамчунин, дар замони Истиқлолияти давлатӣ биноҳои комиссариатҳои ҳарбӣ дар шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ бо сифати баланд бунёд гардиданд.

Масъалаи дигаре, ки мавриди таваҷҷуҳи ҳамешагии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошт, таъмини хизматчиёни ҳарбӣ ва аҳли оилаи онҳо бо манзили истиқоматӣ мебошад. Ҳоло дар тамоми шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ хизматчиёни ҳарбӣ бо манзили зист таъмин буда, бунёди хонаҳои истиқоматӣ барои афсарону оилаҳои онҳо идома доранд.

Баъд аз андешидани тадбирҳои пайваста Артиши миллӣ марҳила ба марҳила устувору қавитар гардида, бо техникаву таҷҳизоти муосир таъмин шуд ва ба неруи пурқудрати дорои ҷузъу томҳои замонавӣ табдил ёфт. Ҳоло Артиши миллии Тоҷикистон ҳамчун неруи обутобёфта, ҷангдида бо шуҷоату ватандӯстӣ яке аз рукни муҳими давлатдории миллӣ дониста мешавад. Маҳз бо шарофати кӯшишу заҳматҳои Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Артиши миллии Тоҷикистон пурқувват гардид.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намуданд, ки воқеоту таҳаввулоти ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳар яки моро ҳушдор месозад, ки зиракии сиёсӣ, омодагии доимӣ, эҳсоси баланди ватандӯстӣ, худогоҳӣ ва муқаддас доштану ҳифз намудани арзишҳои истиқлолияти давлати соҳибистиқлоламонро аз даст надиҳем. Чунки вазъи зудтағйирёбандаи ҷаҳони муосир, зиёд гардидани равияву созмонҳои террористиву экстремистӣ ва дигар зуҳуроти таҳдидовари хатарнок метавонад сулҳу субот ва ҳаёти орому осудаи мардуми кишвари моро халалдор намояд. Аз ин рӯ, ҳар як афсар ва сарбози шуҷои кишвар ҳамчун сипари боэътимоди Ватан дар иҷрои вазифаҳои хизматиашон бояд ҳамеша ҳушёру зирак бошанд ва ҳаргиз фаромӯш накунанд, ки фазои орому осудаи имрӯзаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ба ивази ҷони садҳо нафар ҷавонмардони бонангу номуси миллат ба даст омадааст. Илова бар ин, ҳамеша дар хотир дошта бошанд, ки мардуми Тоҷикистон бо хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи худ ифтихор намуда, дар симои ҳар яки онҳо фарзандони далеру шуҷои Ватани азизамонро мебинанд ва бовар доранд, ки онҳо ба савганди ҳарбии худ ҳамеша содиқ мемонанд.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**«Садои мардум»**




## ВМКБ. ИМСОЛ 50 ИНШООТ ВА 700 ҶОЙИ КОРИ НАВ БУНЁД МЕШАВАД

**Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Алишер Мирзонабот дар нишасти матбуотӣ изҳор дошт, ки соли 2024 бо иштироки Роҳбари давлат ва дар доираи сафари кориашон ба шаҳру ноҳияҳои ВМКБ зиёда аз 100 иншооти нави таъиноти гуногун ифтитоҳ гардида, ба панҷ иншооти муҳим санги асос гузоша шуд.**



Дар ин давра иҷрои нақшаи буҷети маҳаллӣ аз рӯи даромадҳои худӣ 107,9 фоиз ва қисми хароҷоти он 98 фоиз таъмин гардида, пасандозҳои шаҳрвандон дар филиалҳои бонкҳо нисбат ба соли 2023-юм 26,3 фоиз афзоиш ёфта, ба 495,4 млн. сомонӣ баробар гардид.

- Соли гузашта ба бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ диққати зарурӣ дода шуда, дар шаҳру ноҳияҳо 43 корхонаю коргоҳи саноатӣ бо таъсиси 235 ҷойи нави корӣ мавриди истифода қарор дода шуд. Соли сипаришуда ба иқтисоди вилоят 3,7 млрд. сомонӣ маблағ ҷалб гардида, маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ ба 2 млрд. 501,9 млн. сомонӣ расид, ки нисбат ба соли 2023-юм 765,3 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Соли 2025 бошад, бо дастгирии Ҳукумати кишвар тасмим дорем боз 50 иншооти дигари саноатӣ бо таъсиси зиёда аз 700 ҷойи нави корӣ бунёд намоем . Таъсиси ду парки саноатӣ дар ноҳияҳои Ванҷу Роштқалъа аз ҷумлаи ин ҳадафҳост, - афзуд раиси ВМКБ.

Ҳоло корҳои бунёдӣ дар иншооти стратегии вилоят, аз қабили шоҳроҳи «Душанбе-Хоруғ-Кулма» аз маркази ноҳияи Дарвоз то дарвозаи ноҳияи Рӯшон, долонҳои зиддитармавию пул ва 4 км роҳ дар мавзеи Барсеми ноҳияи Шуғнон, пули калони мошингузар дар шаҳри Хоруғ, НБО «Себзор»-и ноҳияи Роштқалъа ва неругоҳҳои офтобию бодӣ дар ноҳияи Мурғоб, босуръат идома доранд. Маблағи бунёди ин иншооти муҳим 4 миллиард сомонӣ буда, дар онҳо зиёда аз 1 ҳазору 741 нафар фаъолият доранд, ки 80 фоизи онҳоро сокинони вилоят ташкил медиҳанд.

